«Тасдиқ мекунам»:

Директори Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ, доктори илмҳои филология Қаландариён Ҳоким Сафар _____

аз «23» сентябри с. 2026.

ХУЛОСАИ

ҷаласаи шуъбаи забонҳои помирии Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Фарҳодова Сарвбону Алидодовна дар мавзуи **«Лексикаи чорводорӣ дар лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ (дар асоси гӯйиши водии Ғорон)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ.

Диссертатсияи Фарҳодова Сарвбону Алидодовна дар мавзуи **«Лексикаи чорводорӣ дар лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ (дар асоси гӯйиши водии Ғорон)»** дар шуъбаи забонҳои помирии Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Фарҳодова Сарвбону Алидодовна унвонҷӯйи шуъбаи забонҳои помирии Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандарови АМИТ ба ҳисоб мерафт.

Фарҳодова Сарвбону Алидодовна соли 1992 ба факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев дохил шуда, онро соли 1997 аз рӯйи ихтисоси омӯзгори фанни забону адабиёти тоҷик хатм намудааст. Пас аз хатми Донишгоҳи мазкур аз соли 1997 то соли 2002 ба сифати омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик, солҳои 2002-2003 ба сифати ассистенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ, солҳои 2009-2015 дар Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Моҳи декабри соли 2015 ба вазифаи сармутахассиси шуъбаи номгузорӣ ва танзими истилоҳоти Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардидааст. Аз моҳи марти соли 2025 то ҳол ба ҳайси ходими илмии шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон кор карда истодааст.

Фарҳодова Сарвбону Алидодовна бо қарори Шурои олимони Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандарови АМИТ аз 23-юми феврали соли 2018, №2 ба ҳайси унвонҷӯйи ғоибонаи шуъбаи забонҳои помирии Институти мазкур сабти ном шудааст.

Диссертатсияи Фарҳодова Сарвбону Алидодовна дар мавзуи **«Лексикаи чорводорӣ дар лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ (дар асоси гӯйиши водии Ғорон)»** дар Шурои олимони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АИҶТ (АМИТ) аз 23-юми феврали соли 2018, №2

тасдиқ гардидааст ва дар шуъбаи забонҳои помирии Институти мазкур омода шудааст.

Роҳбари илмии Фарҳодова С.А. мудири шуъбаи таърихи забон ва забоншиносии қиёсии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ, номзади илми филология, дотсент А. Мирбобоев мебошад.

Диссертатсия дар заминаи нақшаи илмии шуъбаи забонҳои помирии Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ иҷро шуда, натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи конференсияҳо ва дигар нашрияҳо ба табъ расидааст.

Мубрамияти мавзуи кори диссертатсионӣ таҳқиқи вижагиҳои луғот ва истилоҳоти соҳаи чорводорӣ дар лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи гӯйиши Ғорон) дар муқоиса бо шеваю лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ, ҷойгоҳи калимаҳои қадимтарини аслии тоҷикӣ ва иқтибосиро дар ин соҳа дар бар гирифта, ҳамзамон, таҳқиқоти мазкур дар рушду густариши соҳаи лаҳҷашиносии муосири забони тоҷикӣ яке аз мавзуъҳои муҳим маҳсуб мешавад.

Фарҳодова Сарвбону Алидодовна аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм, забони хориҷӣ (англисӣ) ва забони тоҷикӣ имтиҳони минимуми номзадӣ супоридааст, ки натиҷаи он чунин аст:

– забони хориҷӣ (англисӣ) (аз 02.11.2018) баҳои «аъло»;
– таърих ва фалсафаи илм (аз 28.06.2019) баҳои «хуб»;
– забони тоҷикӣ (аз 15.09.2026, суратҷаласаи №2) баҳои «аъло».

Диссертатсияи Фарҳодова Сарвбону Алидодовна дар ҷаласаи шуъбаи забонҳои помирии Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандарови АМИТ (суратҷаласаи №9, аз 22-юми сентябри соли 2026) муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон – Офаридаев Назрӣ (доктори илмҳои филология, сарходими илмии шуъбаи забонҳои помирӣ), Некушоева Шаҳло (номзади илмҳои филология, ходими калони шуъбаи забонҳои помирӣ) ва Мирзоев Шоҳназар (номзади илмҳои филология, ходими калони шуъбаи забонҳои помирӣ) баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳои ҷузъӣ ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи **«Лексикаи чорводорӣ дар лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ (дар асоси гӯйиши водии Ғорон)»** чунин хулоса қабул карда шуд:

– номи мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносмномаи ихтисос мутобиқат мекунад;

– мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ алоқаманд аст;

– мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ аз ҷиҳати миқдор ва мазмун ба муҳтавои диссертатсия ва автореферат мутобиқат мекунанд;

– диссертатсия дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад, натиҷаҳо ва маводи диссертатсия дар таҳқиқи минбаъдаи омӯзиши муқоисавӣ-

таърихии лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ, дастурҳои таълимӣ ва курсҳои ихтисос аз фанҳои лаҳҷашиносӣ ва вожашиносӣ метавон мавриди истифода қарор дод;

– довталаб барои иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ маводи тозаи забониро аз минтақаи густариши гӯйиши мазкур ҷамъоварӣ ва сабт карда ба гардиши илмӣ дохил намудааст.

Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи илмӣ.

Диссертатсия мавзуи **«Лексикаи чорводорӣ дар лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ (дар асоси гӯйиши водии Ғорон)»-ро** дар бар гирифта, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология бо шиносномаи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ мутобиқат мекунад.

Нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маърузаҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таҳти унвони «Таҳқиқи масъалаҳои муҳимми илмҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва дақиқ дар шароити бисёрфарҳангии таҳсилот» ба ифтихори Рӯзи илми тоҷик (11.04.2022), конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони: «Филологияи Шарқ: Пажуҳиши забоншиносӣ, равобити адабӣ ва тарҷумашиносӣ» (08.12.2023), конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Саҳми Пешвои миллат дар тақвияти мақоми забони тоҷикӣ дар арсаи байналмилалӣ» ба ифтихори Рӯзи байналмилалии забони модарӣ, 35-солагии Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30-солагии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва 70-солагии Хуҷанд (27.02.2023), конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои марбут ба забон дар осори безаволи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон» дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон (17.05.2025) ва сеюмин ҳамоиши забоншиносони кишварҳои ҳамзабону ҳамфарҳанг бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Забони мо – ҷаҳони мо» дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (16.10.2026) мавриди баррасиву муҳокима қарор гирифтааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва маводи гирдомадаи дилектологии таҳқиқотро метавон ҳангоми таҳияи фарҳангҳои диалектологӣ ва тарҷумавии забони тоҷикӣ, дар омӯзиш ва баррасии минбаъдаи лексикаи соҳавӣ, истилоҳнигорӣ, таълифи китобҳои дарсии «Лаҳҷашиносӣ» ва машғулиятҳои лексикию амалии ин фан, баргузории курсу семинарҳои махсус оид ба шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ ва лингвогеографияи лаҳҷаҳои тоҷикӣ дар коллеҷҳо ва мактабҳои олӣ ба кор бурд. Маводи амалии диссертатсия зимни таҳияи корҳои илмӣ-таълимии донишҷӯёни тахассусҳои филологӣ қобили истифода буда метавонад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, пеш аз ҳама, дар гирдоварии маводи фаровони забонӣ дар шароити саҳроӣ, таҳқиқи пурраи мавзуъ, алоқамандии таҳқиқ бо барномаҳои илмӣ, мақсад, вазифа, асосҳои

назариявию усулҳои таҳқиқ ва навгонӣ ифода меёбад. Таҳқиқи лексикаи чорводорӣ дар лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ (дар асоси гӯйиши водии Ғорон) ба таври мукаммал ва дар шакли кори диссертатсионӣ бори нахуст сурат гирифтааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, ба нашр расидааст, ки 4,6 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

[1-М]. **Фарҳодова, С.** Истилоҳоти ифодакунандаи гов дар гӯйиши тоҷикони Ғорон / С. Фарҳодова // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ). Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2019. – №3 (256). – С. 139-145.

[2-М]. **Фарҳодова, С.** Лексикаи марбут ба ҳайвоноти боркаш дар гӯйиши тоҷикони Ғорон / С. Фарҳодова // Суханшиносӣ (Маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2019. – №3. – С. 51-59.

[3-М]. **Фарҳодова, С.** Истилоҳоти ифодакунандаи гӯсфанд дар гӯйиши тоҷикони Ғорон / С. Фарҳодова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (Маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2019. – №3 (80). – С. 65-70.

[4-М]. **Фарҳодова, С.** Хусусиятҳои луғавии вожаҳои марбут ба касбу кор дар соҳаи чорводорӣ дар гӯйиши Ғорон (таҳлили этнолингвистӣ) / С. Фарҳодова // Паёми Донишгоҳи Хоруғ (Маҷаллаи илмӣ). – Хоруғ, 2022. – №3 (23). – С. 114-118.

[5-ҲМ]. **Мирбобоев, А. Фарҳодова, С**. Вожаҳои ифодакунандаи номҳои умумии ҳайвоноти хонагӣ дар гӯйиши Ғорон / А. Мирбобоев, С. Фарҳодова //Ахбори АМИТ (Маҷаллаи илмӣ). Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2022. – №3. – С. 274-278.

[6-М]. **Фарҳодова, С.** Вожаҳои ифодакунандаи ҳайвоноти хурди хонагӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи гӯйиши Ғорон) / С. Фарҳодова / /Паёми Донишгоҳи Хоруғ (Маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои гуманитарӣ. – Хоруғ, 2025. – №3 (03). – С. 169-176.

II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:

[7-М]. **Фарҳодова, С.** Лексикаи ифодакунандаи маҳсулоти ширӣ дар гӯйиши тоҷикони Ғорон / С. Фарҳодова // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантон, магистрантон ва донишҷӯёни Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таҳти унвони «Таҳқиқи масъалаҳои муҳимми илмҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва

дақиқ дар шароити бисёрфарҳангии таҳсилот» ба ифтихори Рӯзи илми тоҷик. – Душанбе, 2022. – С. 26-30.

[8-М]. **Фарҳодова, С.** Лексикаи ҳунарҳои мардумии марбут ба чорводорӣ дар гӯйиши тоҷикони Ғорон / С. Фарҳодова // Забон ва истилоҳот. – Душанбе, 2022. – №2-3 (2-3). – С. 177-182.

[9-М]. **Фарҳодова, С.** Вожаҳои табушуда ва эвфемизмҳои марбут ба чорводорӣ дар гӯйиши Ғорон / С. Фарҳодова // Забон ва истилоҳот (Маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2022. – №4 (4). – С. 134-136.

[10-М]. **Фарҳодова, С.** Анъана ва расму оини марбут ба чорводорӣ дар гӯйиши Ғорон (таҳлили этнолингвистӣ) / С. Фарҳодова // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Саҳми Пешвои миллат дар тақвияти мақоми забони тоҷикӣ дар арсаи байналмилалӣ» ба ифтихори Рӯзи байналмилалии забони модарӣ, 35-солагии Истиқлоли ҶТ, 30-солагии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва 70-солагии Хуҷанд. – Хуҷанд, 2023. – С. 486-492.

[11-М]. **Фарҳодова, С.** Корбурди пасвандҳои забони тоҷикӣ дар лексикаи марбут ба чорводорӣ дар гӯйиши тоҷикони Ғорон / С. Фарҳодова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони: «Филологияи Шарқ: Пажӯҳиши забоншиносӣ, равобитӣ адабӣ ва тарҷумашиносӣ». – Душанбе, 2023. – С. 215-219.

[12-М]. **Фарҳодова, С.** Анвои баъзе хурокҳо дар гӯйиши Ғорон / С. Фарҳодова // Забон ва истилоҳот (Маҷаллаи илмӣ-оммавӣ). – Душанбе, 2024. – №1-2 (7). – С. 163-171.

[13-М]. **Фарҳодова, С.** Таснифи сохтори вожагони марбут ба чорводорӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи гӯйиши тоҷикони водии Ғорон) / С. Фарҳодова // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои марбут ба забон дар осори безаволи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон”. – Душанбе, – 2025. – С. 241-349.

[14-М]. **Фарҳодова, С.** Муҳиммияти вожагони ифодакунандаи макони парвариши ҳайвонот дар забони тоҷикӣ / С.А. Фарҳодова // Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2026. – №1 (1). – С. 139-145.

[15-М]. **Фарҳодова, С.** Корбурди вожаҳои иқтибосии марбут ба чорводорӣ дар гӯйиши Ғорон / С.А. Фарҳодова // Маҷаллаи илмии байналмилалӣ ENDLESS LIGHT in SCIENCE. – Астана, Казахстан, 2025. – №11.– С. 65-71.

[16-М]. **Фарҳодова, С.** Гӯйиши Ғорон ва дараҷаи таҳқиқи он / С.А. Фарҳодова // Маҷмуаи мақолаҳои илмии сеюмин ҳамоиши забоншиносони кишварҳои ҳамзабону ҳамфарҳанг дар мавзуи «Забони мо – ҷаҳони мо». – Душанбе, 2026. – С. 639-646.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Фарҳодова Сарвбону Алидодовна дар мавзуи «Лексикаи чорводорӣ дар лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ (дар асоси гӯйиши водии Ғорон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми

филология аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Фарҳодова С.А. дар мавзуи **«Лексикаи чорводорӣ дар лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ (дар асоси гӯйиши водии Ғорон)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи шуъбаи забонҳои помирии Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ аз 22-юми сентябри соли 2026 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 7 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 7 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа:
Мудири шуъбаи забонҳои помирии
Институти илмҳои гуманитарии
ба номи Б. Искандарови АМИТ,
номзади илмҳои филологӣ Назаршоева Чилла

Нишонӣ: 736000, ВМКБ, ш. Хоруғ, к. У. Холдоров, 1.
Тел: (+992) 93 526 1982
E-mail:chilla1982@mail.ru

Котиби ҷаласа:
ходими калони илмии шуъбаи забонҳои помирии
Институти илмҳои гуманитарии
ба номи Б. Искандарови АМИТ,
номзади илмҳои филологӣ Зоолшоева Шамшод

Имзоҳои Ч. Назаршоева ва Ш. Зоолшоеваро
тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳои ИИГ АМИТ З. Искандаршоева
«23» сентябри соли 2026.

Нишонӣ: 736000, ВМКБ, ш. Хоруғ, к. У. Холдоров, 1.
Тел: (+992) 93 454 1166
E-mail:dilya0411@mail.ru